# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Мавзуи интихобкардаи диссертант Бобоев Б.Ҷ. яке аз мавзуъҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми таҳсилот воридшавии тағйирот, ҷорӣ намудани ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ дар автореферат таҳлили муқоисавии таълимотҳои гуногун, тавсифи фаъолнокиро ба тариқи зайл шарҳ додааст: фаъолнокӣ бо сохтори мураккаб муаррифӣ шудааст; мафҳуми фаъолнокӣ танҳо дар асоси омӯзиши сифатҳои инфиродии психологӣ ва физиологии ҳар як инсони алоҳида кушода мешавад; фаъолнокӣ бо ҳадафҳо, вазифаҳо ва қобилиятҳои шахсияти инсон алоқаманд аст; ташаккули фаъолнокӣ дар раванди таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва беруна сурат мегирад.

Муаллиф дар асоси таҳлили фикру ақидаҳои олимони шинохта ба хулосае омадааст, ки шахси ягон амалро ҳадафмандона, бо камоли кордонӣ ва боэътимодона иҷрокунанда, инсони босалоҳият ба шумор меравад.

Тавсифи умумии автореферат аз мубрамияти мавзуи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот, нуқтаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро иборат аст.

Чун аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз 2 боб ва 6 зербоб иборат буда, боби якум «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти таълимӣ- маърифтаии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» унвон гирифтааст.

Боби дуюм ба «Санҷиши таҷрибавӣ- озмоишии шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» бахшида шудаааст.

Ба сифати пойгоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот гурӯҳи озмоишӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ интихоб

шуда, дар солҳои гуногун бо намудҳои мухталифи озмоиш ва корҳои таҷрибавӣ бо ҷалби беш аз 168 донишҷӯ гузаронида шуда, ба таври муфассал оид ба натиҷаҳои озмоиши гузаронидашуда дар автореферати диссертатсия маълумотҳо гирд оварда шудааст.

Диссертант Бобоев Б.Ҷ. ҳаммуаллифи панҷ дастури таълимӣ аз фанни химия мебошад, ки онҳо аз ҷониби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хатмкунандагони муассисаҳои тасиҳсилоти миёнаи умумӣ хуб пазируфташуда, айни ҳол мавриди истифода қарор доранд.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила тахлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

Аз ҷумла, 7 мақолае,ки дар маҷаллаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст

Хулоса бояд қайд кард, таҳқиқоте, ки аз тарафи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич ба анҷом расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду нумуи илми педагогикаи муосир мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» таҳқиқоти мустақилона ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муовини директори
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи А. Ҷомии АТТ,
номзади илмҳои педагогӣ С. Ш. Туронов

Имзои С. Туронов- ро тасдиқ мекунам
мудири ШК ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Х.С. Ҳакимова

05.09.2022

ШУЪБАИ КАДРҲО